# МЕХАНИЗМҲОИ КАФОЛАТИ РИОЯ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

**Қурбонзода Абдумалик Турахон,**
**Курбонзода Абдумалик Турахон,**
**Qurbonzoda Abdumalik Turakhon,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*заместитель начальника отдела законодательства по государственному устройству, судебным и правоохранительным органам Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*deputy head of the Department of Legislation for the state system, judicial and law enforcement agencies of the National center for legislation under the President of the Republic of Tajikistan.*
*E-mail: abdumalik.kurbonov@bk.ru*
*Тел.: (+992) 985-49-38-65.*

**Аннотатсия:** *Дар мақолаи мазкур масоили назариявии механизмҳои кафолати риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар давраи истиқлолияти давлатӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши илмӣ қарор дода шудааст.*

**Аннотация:** *В данной статье рассматриваются теоретические вопросы механизмов обеспечения соблюдения и защиты прав человека в период государственной независимости.*

**Annotation:** *This article discusses the theoretical issues of mechanisms for ensuring the observance and protection of human rights during the period of state independence.*

**Калидвожаҳо:** *ҳуқуқ, инсон, қонун, истиқлолият, давлат, иҷро, риоя, ҳифз, ҷомеа, назария, Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи байналхалқии инсондӯстӣ, Конвенсия, Протоколи иловагӣ.*

**Ключевые слова:** *Право, человек, закон, независимость, государство, исполнение, соблюдение, защита, общество, теория, Конституция, Республика Таджикистан, международные акты, международный гуманитарный право, Конвенция, дополнительный протокол.*

**Keywords:** *Law, person, law, independence, state, enforcement, observance, protection, society, theory, Constitution, Republic of Tajikistan, international, legal acts, Convention, Additional Protocol.*

Озодиву истиқлол барои ҳар миллат дастоварди муқаддас ба шумор меравад. Миллати тоҷик дар тӯли садсолаҳо бо ормони давлати мустақили миллӣ зиндагӣ ба сар мебурд. Даврони Истиқлолиятро марҳилаи рушд ва инкишофи андешаи ҳуқуқи

инсон низ номидан мумкин аст. Маҳз дар ҳамин давра ба таври расмӣ дар сатҳи Консититутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардид.

Муносибати инсон ва шаҳрванд ва ҷомеаъи давлат аҳромеро мемонад, ки ҳар як кунҷи он ба якдигар дар таносуб қарор доранд. Давлат ҳамчун шакли ташкилоти сиёсии ҷомеъа, олоти асосии ба амал баровардани мақсаду вазифаҳои муҳимтарини он аст. Шахс бошад, қисми таркибии ҷомеа буда, дар маҷму худи ҷомеаро ташкил менамояд. Алоқамандии инсон ва шаҳрванд ва ҷомеаи давлат мазмуни диалектикӣ дошта, ҷомеа бе шахс ва давлат бе ҷомеа вуҷуд дошта наметавонанд. Дар навбати худ, шахс низ дар ҷомеа ташаккул ёфта, иштирокчӣ ва бунёдкории муносибатҳои ҷамъияти мебошад .

Дар байни шахс ва ҷомеъа муносибатҳои бешумор дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти онҳо ба вуҷуд меоянд. Қисми муҳими ин муносибатҳо дар ҷомеъаи ҳозиразамон хусусияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ доранд. Вобаста ба ин, муносибати шахс ва ҷомеа шакли сиёсӣ пайдо мекунад. Барои амалӣ гардондани муносибатҳои сиёсии байни шаҳрванд ва давлат алоқамандии онҳо хусусияти ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Баробари ин, гуфтан лозим аст, ки дар давраи ҳозира муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ,миллӣ ва ѓайра, ки дар байни давлат ва шаҳрвандон муқаррар гардидаанд низ бештар хусусияти сиёсӣ доранд. Амалӣ шудани ин муносибатҳо алоқамандии шаҳрвандро бо давлат боз ҳам мустаҳкамтар мегардонад .

Теъдоди зиёди санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуд. Яъне мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ низ дастоварди замони истиқлолият аст. Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ сарнавишти миллат бо дасти худаш иншо гардида, шакли идораи давлатӣ, асосҳои сохти конститутсионии ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, самти сиёсати дохилию байналмилалии он ва дигар масоили муҳими давлатӣ мустақилона муайян карда мешавад.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо арзиштарин дастовард ва нодиртарин падида дар таърихи ҳастии миллати тоҷик мебошад, ки баъд аз ҳазору садсоли вобастагии сиёсӣ, ҳамчун натиҷаи саъю талош, муборизаю исён, ва бозтобкунандаи орзую ормони ниёгон насиби насли саодатманди он гардидааст. Бо ин манзур метавон гуфт, ки мушарраф гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ (барои миллати тоҷик) маҳсули фидокориҳою талошҳои бардавоми фарзона фарзандони ин миллат дар ин ҷода аст.

Дар таърихи 9-уми сентябри соли 1991 эълон гардидани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистононро узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дорои ҳама хусусиятҳои давлатдории муосир муаррифӣ намуда, барои асос гузоштани пояҳои бунёдии давлатдории миллии тоҷикон имконият фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушарраф гардидан ба ин сатҳи баланди сиёсию ҳуқуқӣ ба марҳилаи сифатан нави инкишофи таърихӣ қадам гузошт. Ба вазъияти буҳронии ҳуқуқӣ қабули конститутсияи нав нуқта гузошт, 6-ноябри соли 1994 дар Тоҷикистони соҳибистиқлол

тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсия қабул гардида, дар заминаи он низоми самарабахши ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуд, ки ин ҳолат марҳилаи муҳимтарини аз нав ташаккулёбии мақомоти давлатӣ ва татбиқи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гардид. Конститутсияи мамалакати мо тамоми ҳуқуқу озодиҳоеро, ки санадҳои байналмилалӣ кафолат додааст, фаро мегирад. Ғайр аз ин, дар Конститутсия танҳо принсип ва самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, оид ба ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба зарурат санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ қабул мегарданд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон аз зумраи онҳоянд .

Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз муносибатҳои мураккабе иборат аст, ки вобаста ба мавқеи шахс дар ҷомеа соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти онҳоро дарбар мегирад. Дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсии ва ахлоқӣ-тафаккурии ҳаёти ҷомеа муносибатҳои бавуҷудоянда ҳаёту фаъолияти шахсро фаро мегиранд, вале ҳеҷ як соҳаи ҳуқуқ дар алоҳидагӣ онҳоро ба танзим андохта наметавонад. Танҳо ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ дар маҷмӯъ онро мустаҳкам намуда ба танзим меандозанд. Бо вуҷуди ин, меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ мавқеи махсус доранд. Онҳо пеш аз ҳама дар меъёрҳои Конститутсия мувофиқи хусусиятҳои ба танзим андозии худ метавонанд мавқеи шахсро дар самтҳои асосии ҳаёт муайян намоянд. Онҳо муносибатҳои муҳимтарини байни давлат ва шаҳрвандро вобаста ба мақеи он дар идоракунии корҳои ҷамъияти ва давлатӣ муқаррар менамоянд. Муфассал ба танзим андохтани онҳоро дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба ухда доранд. Аз ин ру, меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ фақат асосҳои ҳолати ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистонро муқаррар менамоянд .

Паҳлӯҳои алоҳида ва ҳуқуқу озодиҳои алоҳидаи инсон ва шаҳрвандро қонунҳои алоҳида мустаҳкам мекунанд, ки қонунгузорӣ оид ба интихобот ва раъйпурсӣ, қонунгузорӣ оид ба оила, маориф, тандурустӣ, мудофиаи граждани, манзил, замин, дар бораи судҳо, дар бораи амният ва мақомоти алоҳидаи давлатӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Эълон гардидани муқаддас шуморидани озодӣ ва ҳуқуқи шахс аз номи халқи Тоҷикистон дар муқаддимаи ин санади олии меъёрии кишвар, ки мақсади қабул намудани онро ифода менамояд, мустаҳакам гардида, дар муайян намудани ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд нақши асосӣ бозидааст.

Бо дастёбӣ ба Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсия Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ шинохта шуда, арҷгузорӣ ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва афзалиятноки давлат муқаррар гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатдории нави миллиро аз самти ҳуқуқӣ расмӣ гардонида, таҳкурсии ин давлат, шакл, вазифаҳо ва моҳияту ҳадафи онро муайян намуд. Ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар боби алоҳидаи Конститутсия мушаххасан ба танзим дароварда шуда, усулҳо ва кафолати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар карда шуд. Як қаттор падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии марбут ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз қабили шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии инсон, кафолати

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар боби мазкур муттаҳид карда шуда аст, ки онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун маҳаки муайянкунандаи мақоми инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа ва давлат нақш мебозанд. Маҳз ҳамин меъёрҳо уҳдадории давлатро ҷиҳати эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар менамоянд. Ба сатҳи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобаста ба он баҳо дода мешавад, ки давлат онҳоро дар қонунгузории миллии худ дар кадом сатҳ муқаррар намуда, амалигардонии онҳоро чи гуна кафолат додааст. Мазмуни вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд асосан вобаста ба ҳуқуқу вазифаҳои онҳо, ки тавассути қонунгузории миллӣ танзим гардида бозтоб мегардад.

Бо ҳамин манзур дар марҳилаи фавқуззикр ҳамвора бо инкишофи сифатан нави низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва кафолати татбиқ намудани онҳо ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳким ёфта, ширкат варзидани онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ вусъат мeёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёд намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст ва дар ин ҷода фароҳам овардани фазои ҳуқуқии ҷомеа вазифаи авалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд буда, ғояи меҳварии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд усулҳое мебошанд, ки дар хусуси моҳияту мазмуни ин падида шаҳодат медиҳанд.

Амалӣ ва татбиқшаванда будани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бо роҳи муқаррар кардани кафолатҳои иқтисоди, сиёсӣ, ташкили ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешаванд. Кафолатҳо дар он вазифаҳои ба уҳдаи худ гирифтаи давлат ифода меёбанд, ки барои таъмини вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд таъин гардидаанд. Ин кафолатҳо вазъи ҳуқуқӣ ва ҳақиқии шахсро дар ҷомеа ба якдигар пайванд месозанд .

Дар як марид бояд таъкид намоем, ки дар сатҳи байналмилали низ яке аз соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ яъне ҳуқуқи буйналхалқии инсондустӣ барои риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон саҳми босазое дорад.

Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи байналхалқии инсондустӣ пеш аз ҳама чаҳор конвенсияи Женева аз 12 августа соли 1949 ва ду Протоколи иловагӣ бар онҳо аз 8 июни соли 1977 ба ҳисоб мераванд, ва дигар санадҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад:

- Конвенсияи Женева оид ба бехтаршавии аҳволи маҷруҳон ва беморон дар артишҳои амалкардаистода (Конвенсияи I Женева) ;
- Конвенсияи Женева оид ба беҳтаршавии аҳволи маҷруҳон, беморон ва шахсони аз ҳайати қувваҳои мусаллаҳ, ки дар рафти ғарқи кишта дар баҳр осеб дидаанд (Конвенсияи Женева);
- Конвенсияи Женева оид ба муносибат бо асирони ҳарбӣ (Конвенсияи III Женева);
- Конвенсияи Женева оид ба ҳимояи аҳолии шаҳрвандӣ дар рафти ҷанг (Конвенсияи IV Женева);

- Протоколи иловагӣ ба конвенсияи Женева, ки ба ҳимояи қурбониёни низоъҳои байналхалқӣ дахл дорад (Протоколи I);

- Протоколи иловагӣ ба конвенсияи Женева, ки ба ҳимояи қурбониёни низоъҳои ҳарбии хусусияти ғайрибайналхалқидошта дахл дорад ;

- Эъломияи умумии ҳуқуқи башар.

- Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажоди;

- Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон;

- Конвенсия зидди шиканҷа зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф.

Бояд тазакур дод, ки маҳз бо туфайли ин муносибатҳо алоқаи инсон ва давлат ба худ хусусияти ҳуқуқиро касб менамояд. Ташаккули ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар қонунгузории миллӣ вобастагии ногусастанӣ дорад инчунин ба санадҳои байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон. Дуруст аст, ки дар санадҳои дахлдори байналмилалӣ инсон, озодӣ шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои фитрии он ба сифати волотарин арзиш қайд гардидааст.

Дар ҳамин иртибот, кулли давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба риояи талабот ва таъмини иҷрои ин таъинот уҳдадор мебошанд. Аз ҷумла ин таъинот нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ҳамчун узви комилҳуқуқи ин созмони бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ (аз 2-юми марти соли 1992) паҳн мегардад. Яке аз икдомҳои саривақтии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи рақобат намудан ба низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва мустаҳакам намудани принсипҳои умумиэътирофгардидаи хусусияти демократию инсондӯстидошта мебошад. Қадами муҳим ба созишномаҳои байналмилалию минтақавии дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба тасвиб расида пайваст шудани он мебошад.

Дурустии ин ақидаро дар муносибатҳои гуногунҷанбаи зуд тағирёбандаю муракабгардидаи субъектони ҷаҳони муосир ва роҳи 30 соли таърихии тайнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад. Бинобар ин, дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, мо —насли ҷавон ва зодаи даврони Истиқлолият марҳилаи нави давлатдории тоҷикро водор месозад, ки барои дар муқобили ҳамагуна таҳдиду хатарҳои рӯзафзун бо руҳияи шикастнопазир устуворона мубориза бурда, ҷиҳати ҳамчун кишвари ҳуқуқбунёд ва арҷгузорандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тарақӣ намудани Тоҷикистони азиз некбинона саъй намоем.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Имомов. – Душанбе: «Оли Сомон», 1997 – 390 с.

2. Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи байналхалқӣ [Матн] / Ш.М. Менглиев – Душанбе: «ЭР-граф», 2010 –512 с.